**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи**
**А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои**
**дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии № ______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.06.2025, № 13

Дар бораи сазовор донистани Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ.

Диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 4-уми апрели соли 2025 (Протоколи № 7) ба ҳимоя қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 1 октябри соли 2024, №364 ш/д).

Довталаби дараҷаи илмӣ Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович 03 июни соли 1994 таваллуд шудааст. Ӯ соли соли 2015 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро бо ихтисоси муаллими забони англисӣ (зинаи бакалав, рӯзона) бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2017 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯи ихтисоси «Сиёсатшиносӣ» (зинаи магистратура) бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2022 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯи ихтисоси «Сиёсатшиносӣ» (зинаи доктор PhD) хатм намудааст.

Аз моҳи октябри соли 2017 то июни соли 2024 ба ҳайси мутахассис, аз июни соли 2024 то ба ҳол ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҳамзамон, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеъашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» кор ва фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Бедилзода Ҳусайн Кабут** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии

Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**:

**1. Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ;

**2. Қобилов Муҳаббатшо Замирович** – декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020200 – муносибатҳои байналмилалӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ректори ин донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ» таҳқиқоти мукаммал, дорои сохтори ягона, кори мустақилона анҷомёфта ва дорои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Тошов Ҳ.М. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – сиёсатшиносӣ аст.

Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Инчунин оид ба масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар конференсияи зиёди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намудааст, ки маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1]. Тошов, Ҳ. М., Бедилов, Ҳ. К. Хусусиятҳои вазъи фазои геополитикӣ ва амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. К. Бедилов // Авҷи Зуҳал. Маҷаллаи илмӣ-амалии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино». – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 189–195. – ISSN: 2616-5252.

[2]. Тошов, Ҳ. М. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар таҳкими амнияти минтақавӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов //

Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 1 (73). – С. 87–96. – ISSN: 2075-9584.

[3]. Тошов, Ҳ. М., Бедилзода, Ҳ. Ҳамкории кишварҳои аъзои СҲШ дар таҳкими фазои амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. Бедилзода // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 117–120. – ISSN: 0235-005X.

[4]. Тошов, Ҳ. М. Нақши Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 1. – № 3–4 (3–4). – С. 273–279. – ISSN 2413-5151.

**Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳои илмӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:**

[5]. Тошов, Х. М., Бедилзода, Х. Укрепление дружбы народов – важный фактор совершенствования национальных отношений [Текст] / Х. М. Тошов, Х. Бедилзода // Вестник педагогического университета, серия философские науки. – Душанбе, 2021. – С. 172–176. – ISSN: 2710-4672.

[6]. Тошов, Ҳ. М., Бедилзода, Ҳ., Айдархонзода, Ш. А. Амнияти Осиёи Марказӣ вобаста ба таҳдидҳо ва чолишҳои замони муосир [Матн] / Ҳ. М. Тошов, Ҳ. Бедилзода, Ш. А. Айдархонзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, бахши илмҳои фалсафӣ. – Душанбе, 2022. – № 1 (5). – С. 109–114. – ISSN: 2710-4672.

[7]. Тошов, Ҳ. М. Нақши давлатҳои абарқудрат дар таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». – Душанбе, 2022. – С. 97–104.

[8]. Тошов, Ҳ. М. Таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Илми муосири тиб: одатҳо ва иновацияҳо». – Душанбе, 2022. – С. 485–487.

[9]. Тошов, Ҳ. М. Фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиб». – Душанбе, 2024. – С. 352–353.

[10]. Тошов, Ҳ. М. Омилҳои таҳдидкунанда ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ. М. Тошов // Маводҳои конференсияи илмӣ-

назариявӣ дар мавзуи «Уфуқҳои нав дар илм, таҳсилот ва амалияи тиб». – Душанбе, 2024. – С. 353.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

1. **Кароматулло Олимов** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ, арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.
2. **Қозиён Ш.Қ.** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

– Дар таҳқиқот ба тасвири ҳамаҷониба таъсири таҳдидҳои замони муосир алалхусус терроризм ва экстремизм ба амнияту суботи ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо дар баробари он ба дигар навъи таҳдидҳо аз ҷумла таҳдидҳои низомӣ, иттилоотӣ, экологӣ, иқтисодӣ, таваҷҷуҳи камтар марок зоҳир карда шудааст.

– Зимни баррасии чолишҳо ва таҳдидҳоро дар шароити Осиёи Марказӣ муаллиф ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ ҷудо намуда, як қатори онҳоро номбар кардааст, аммо омилҳои асосии пайдоиши таҳдидҳоро дар заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маъмурие, ки боиси шаклгирии чунин таҳдидҳо мегарданд, ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Тавсеаи ин ҷанбаҳо метавонад мухтавои илмии таҳқиқотро ғанӣ гардонад.

3. **Мамадбекзода М.Ш.** – доктори илмҳои сиёсӣ, директори МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

– Муаллиф дар зербоби аввали боби якум ба таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои таҳдидҳои замони муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, вале дар бархе мавридҳо шарҳи мафҳуми «таҳдид» бештар ба манобеи луғавӣ такя мекунад ва каме аз таҳлили назариявӣ ва сиёсӣ фосила мегирад (саҳ. 16).

– Дар матни автореферати кори диссертатсионии муаллиф якчанд хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд. Бартараф намудани ин камбудиҳо барои беҳтар намудани сифати кор ва баланд бардоштани сатҳи минбаъдаи таҳқиқот судманд хоҳад буд.

4. **Асомадинов М.А.** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Тақриз мусбат аст ва эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар мавзуи таҳқиқшуда, аз ҷумла дар бораи ҷанбаҳои гуногуни таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризму экстремизм, моҳият, мафҳум ва хусусиятҳо, заминаҳои зуҳурёбӣ, омилҳои шаклгирӣ ва шиддатёбӣ дар шароити кунунӣ, масъалаҳои назариявию методологии мавзуъ, хусусиятҳои фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва неруҳои дигари сиёсию ҷамъиятӣ, мушкилот ва дурнамои онҳо дар шароити кунунии минтақаи Осиёи Марказӣ, таъмин ва такмили суботи сиёсии ҷомеа ва ғайра корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии кишвар, раванди таъмини амнияти ҷомеа ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар шароити имрӯзаи глобалӣ, саҳми босазо дорад. Муассисаи мазкур, инчунин, ба проблемаҳои пешгирии омилҳои зуҳури ҳамагуна таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм ва ғ. аҳаммияти хоса медиҳад.

**Шурои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:**

– масъалаҳои назариявӣ ва методологии таҳдидҳои замони муосир, алалхусус терроризм ва экстремизм ҳамчун омили асосии халалдоркунандаи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ, дар таҳқиқот мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, бо такя ба манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии кишварҳои минтақавӣ таҳлили амиқ ёфтаанд;

– омилҳои таҳдидкунанда дар шароити ҷуғрофию сиёсии Осиёи Марказӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар раванди таҳқиқот роҳу воситаҳои муассири муқовимат ба онҳо матраҳ ва бо такя ба таҷрибаи амалии кишварҳои минтақа асоснок шудаанд;

– таъсир ва таҳдиди гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ба фазои сиёсии кишварҳои минтақа дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил гардида, хусусиятҳо, равандҳо ва оқибатҳои сиёсиву амниятии фаъолияти онҳо ба таври илмӣ муайян карда шудаанд;

– раванди ҳамгироии кишварҳои минтақа бо созмонҳои муҳими минтақавӣ, аз қабили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай, мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои ҳамкорӣ дар самти таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ бо иштироки кишварҳои минтақа дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳлил ва арзёбӣ шудаанд;

– мавқеи кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, аз қабили Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, дар самти муқовимат бо таҳдидҳои замони муосир, бахусус терроризм ва экстремизм, дар шароити муосир таҳлил гардида, хусусият ва самтҳои асосии ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи онҳо бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд;

– дар ин замина, ба механизмҳои таҳкимбахшандаи фазои сиёсии минтақавии Осиёи Марказӣ тавассути истифодаи консепсияи «неруи нарм»-и кишварҳои абарқудрат, аз ҷумла Россия, ИМА ва Чин, таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, ҳамкориҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маориф ва иттилоотӣ ҳамчун воситаҳои муассири таъсиррасонӣ ва таҳкими амнияти минтақавӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд;

– дурнамои таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо назардошти таҳдидҳои муосир ва омилҳои дохилию беруна мушаххас карда шуда, пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати таҳкими мубориза самаранок бо таҳдидҳои замони муосир дар асоси таҳлили холисона, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва вазъи воқеии минтақавӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** мақсади таҳқиқот муайян менамояд ва иҷрои онро ҳалли чунин вазифаҳо дар бар мегирад:

– таҳлили мафҳум, моҳият ва пайдоиши таҳдидҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм ҳамчун зуҳуроти номатлуби замони муосир;

– омӯзиши фаъолияти созмонҳо ва ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ;

– арзёбӣ намудани самаранокии ҳамкориҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз қабили ИДМ ва СААД ҷиҳати мубориза бо таҳдидҳои замони муосир;

– омӯзиши мақоми СҲШ дар бартараф намудани таҳдидҳои фаромиллӣ дар минтақа;

– муайян кардани нақш ва мақоми Россия, Чин ва ИМА дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ;

– мавриди таҳқиқ қарор додани таъсири «неруи нарм»- и Россия, Чин ва ИМА ба кишварҳои Осиёи Марказӣ;

– пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир аз ҷумлаи таҳдидҳои терроризм ва экстремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки дар раванди он моҳияти таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, ҳамчун падидаҳои мураккаб, фаромиллӣ ва дорои хусусияти шабакавӣ, дар асоси таҳлили амиқи илмӣ ва бо такя ба заминаҳои назариявии

илми сиёсӣ, равшан гардонида шудаанд. Дар таҳқиқот заминаҳои идеологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин таҳдидҳо дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гардида, таъсири онҳо ба фазои сиёсии кишварҳои минтақа бо дидгоҳи муқоисавӣ арзёбӣ шудааст. Механизмҳо ва равандҳои паҳншавии ин падидаҳо дар заминаи таҷрибаи амалии давлатҳои минтақавӣ ва хусусиятҳои ҷаҳонишавии таҳдидҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, дар таҳқиқот аҳамияти робитаҳои ҳамгироёнаи минтақавӣ ва нақши созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили ИДМ СААД ва СҲШ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои замони муосир мавриди баррасии таҳлилӣ қарор гирифта, зарурати таҳкими ҳамкории кишварҳои минтақа бо назардошти манфиатҳои муштарак ва таҳкими амнияти дастаҷамъӣ асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи сиёсатҳои амниятии муассир дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:** Маводи кори диссертатсионӣ метавонад ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии таҳияи барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус дар самти сиёсатшиносӣ, амниятшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, геополитика, низоъшиносӣ истифода шаванд. Таҳқиқот имконият фароҳам меорад, ки муҳтавои таълимии фанҳои зикршуда бо дарназардошти таҳдидҳои замони муосир ва хусусиятҳои хоси амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ганӣ гардонида шаванд. Ҳамчунин, маводи диссертатсионӣ метавонад ҳамчун такягоҳи илмӣ-амалӣ барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти корҳои дохилӣ, хадамоти амнияти миллӣ ва дигар ниҳодҳои марбута дар самти муқовимат бо таҳдидҳои муосир ва таҳкими амнияти миллӣ истифода гардад.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти таҳлилгарони сиёсӣ, кормандони муассисаҳои қудратӣ ва марказҳои таҳлилию илмии соҳаи амният ва равандҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқот метавонад ҳамчун воситаи омӯзишӣ барои донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин дар раванди бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони давлатӣ ва сохторҳои низомӣ дар самти таҳкими амнияти миллӣ ва суботи минтақавӣ истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** хулосаҳои бадастомада, пеш аз ҳама, бо мутобиқати равишҳо ва методологияи таҳқиқот ба ҳадаф ва вазифаҳои дар диссертатсия пешбинигардида асоснок карда мешавад. Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои

муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ, таҳлили мазмунӣ, таҳлили низомӣ ва равишҳои омории тавсифӣ истифода шудааст, ки саҳм дар таҳлили амиқи масъалаи мавриди назар доранд. Ҳамчунин, миқдори кофии манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла адабиёти соҳавии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, маълумоти расмӣ ва таҳқиқоти қаблӣ мавриди омӯзиш ва корбурд қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ назарияҳо, дидгоҳҳо ва хулосаҳои олимони маъруфи дохиливу хориҷиро ба таври фарогир таҳлил ва татбиқ намудааст, ки он боиси таҳкими асоснокии илмии натиҷаҳо гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар т**аҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ – таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

Маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз таърихи 14 июни соли 2025 дар бораи сазовор донистани Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Аз 13 нафар аъзоёни иштирок дошта дар маҷлис, ба 13 нафар бюллетен тақсим гардид ва онҳо чунин овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси
шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /_______________/ Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /_______________/ Сангинов Н. Н.

14.06.2025